# ҚАРОРИ

## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
## назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**аз 14 марти соли 2025, №58** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода, тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Бобоҷониён Даврон Дадоҷон – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Авгонов Нурали Айниддинович – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси - Молия, и.в. дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти рушди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Умаров Хоҷамаҳмад, д.и.и., дотсент Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, д.и.и., дотсент Шарифзода Бахром Маҳмуд, д.и.и., дотсент Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ (1 нафар тариқи маҷозӣ) ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шарифзода Нурулло Шариф дар мавзуи «Баҳодиҳии захираҳои бонкӣ ҳамчун унсури иқтидори молиявию сармоягузории мамлакат», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Шарифзода Нурулло Шариф дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Шарифзода Нурулло Шарифро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раисикунанда:**
**муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Кошонова М. Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**14 марти соли 2025**